«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент ____________Сафарзода Д.Ҷ.
«_17_» _феврали_ 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ - танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Дар айни замон дар Тоҷикистон ҳам дар доктрина ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ масъалаҳои танзими ҳуқуқии савдои фосилавии

мол ва хизматрасонӣ вобаста ба пахн шудани он дар бисёр соҳаҳои фаъолияти хоҷагии ҷомеаи мо борҳо ба миён гузошта мешаванд. Хусусиятҳои микдории рушди савдои фосилавӣ ҳамчун як соҳаи мустақил, фаъолона рушдкунанда ва иқтидори баланди рушд баррасӣ мегардад. Дар ин шароит танзими ҳуқуқии фаъолияти савдо аҳамияти калон пайдо мекунад, чунки ба таъмини самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ нигаронида шудааст. Ҳангоми ташаккули сиёсати давлатӣ тамоилҳои ҳозираи инкишофи шаклҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти ин соҳа, типологияҳои мавҷудаи шаклҳои ҳуқуқии механизми хоҷагидориро дар ташкилотҳои савдои фосилавӣ ба назар гирифта намешаванд. Бо вуҷуди ин омилҳо танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар кишвар номукамал боқи мондааст.

Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳои ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф такид менамояд, ки ҷараёнҳои ҷаҳонии табодули рақамӣ мунтазам суръат гирифта, соҳаҳои нав ба нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Инчунин рушди технологияҳои наву пешрафта босуръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси ҷараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ аз рӯи рушди технологияи иттилотию комуникатсионӣ соли 2016 Тоҷикистон аз рӯи сатҳи таъсири технологияҳои рақамӣ ба бизнес-моделҳои нав дар байни 139 кишвар дар ҷойи 103-ум ҷой дорад. Барои муқоиса, соли 2015 Тоҷикистон дар ин рейтинг дар ҷои 90-ум қарор дошт. Фарқияти 13 банди он аз бад шудани мавқеи ҷумҳурӣ дар ин рӯзнома шаҳодат медиҳад. Мувофиқи

арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ оид ба рақобатнокии иқтисодиёти соли 2018 Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи хариди давлатии маҳсулоти пешрафтаи технологӣ дар байни 137 кишвар ҷойи хеле баланди 26-умро ишғол менамояд. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо арзёбии соли 2017-уми ҳисоботи Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ, мавқеи Тоҷикистон аз ҷои 20-ум ба 26-ум поён рафтааст. Маълумоти омории овардашуда бар он далолат дорад, ки масъалаи таъсири технологияҳои рақамӣ ба моделҳои нави тиҷоратӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт хеле чашмрас буда, он мавриди таваҷҷӯҳи бисёр коршиносон соҳаи илм қарор гирифтааст, вале мутаасифона ин раванд дар Тоҷикистон ба таври дилхоҳ рушд накардааст. Бахши рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар зинаи тавлид қарор дорад. Ин ҳолат низ бо амалан мавҷуд набудани дастрасии соҳибкорон ба алоқаи фарохмавҷ вобаста мебошад, ки рушди ҷараёни инноватсияро дар кишвар бозмедорад. Камтар аз 1% корхонаҳои мавҷуда хизматрасониҳои рақамиро пешниҳод менамоянд. Бо ҳамин сабаб амалан корхонае вуҷуд надорад, ки маҳсулоти иттилооти рақамӣ ва воситаҳои алоқа истеҳсол намояд, ки ин аз ҷумла ба мураккабии гирифтани иҷозатнома барои истеҳсоли аудио-видео контент алоқаманд мебошад. Дар ин асно Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 26-уми декабри соли 2019 такид намуда буданд, ки: “Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад. Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани

таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем". Дар даҳсолаи дуюми асри XXI ба масъалаи васеъ кардани бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии шаҳрвандони кишвар, таваҷҷӯҳ зиёд гардид. Дар асоси Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар соли 2015 вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин шумора нишондиҳандаҳои: дастрасӣ ба суратҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ (14,7 фоиз), тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг (0,2 фоиз) ва тавассути алоқаи мобилӣ (0,3 фоиз)-ро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар муқарароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои муқаррароти умумии моддаи 566, яъне фурӯши мол тибқи намунаҳо) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" меъёри мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҷой надорад. Ё инки дар асоси қисми 2, моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 943 "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ҳуқуқ доранд шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо)-ро мустақилона муайян намоянд. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

**Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 2 боб ва 5 зербоб моҳитяти мавӯзи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.**

Боби якуми диссертатсия – тавсифи умумии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ном дошта, дар он масъалаҳои савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасониро мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм, ки махсусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ном дорад, муаллиф масъалаҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасониро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии тадқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин, дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон, дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба амал бароварда шудааст. Чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Хусусияти асосии савдои фосилавӣ дар он аст, ки он бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии

харидор бо тавсифи моле, ки фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо молро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад. Ин масофаи априорӣ дар баъзе ҳолатҳо боиси норозигии харидори мол ва баъзан сабаби даъвоҳои судӣ мегардад.

2. Савдои фосилавӣ ин фаъолияти субъекти хоҷагидор дар самти хариду фурӯши чаканаи мол ва пешниҳоди хизматрасонӣ берун аз нуқтаҳои савдои чаканаи мол мебошад, ки бидуни иртиботи мустақим байни фурӯшанда ва харидор ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ва пас аз он амалӣ карда шавад. Савдои фосилавии молҳо бидуни робитаи мустақим байни фурӯшандаю харидор, тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана, ки дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи мушахаси мол ва пешниҳоди визуалии он, ки аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо маҳдуд аст, амалӣ карда мешавад.

3. Дар бахши хизматрасонӣ бо тарзи фосилавӣ нуқсон дар қонун¬гузорӣ ҷой дорад, ки дар чандир набудани механизми татбиқи ҳуқуқи даст кашидан аз шартнома ифода меёбад ва дар оқибат он барои сӯиистифода аз ҳуқуқ аз ҷониби истеъмолкунанда замина фароҳам меорад. Ин ҳолат ба набудани: а) рӯйхати молҳое, ки бояд ба фурӯшанда баргардонида шаванд; б) набудани таснифоти муносибатҳое, ки қоидаҳои савдои фосилавӣ ба ҳамаи онҳо ва ё баъзеи онҳо паҳн намегарданд (масалан, хариди мол дар ауксион); в) инчунин набудан рӯйхати молҳое, ки ба тарзи фосилавӣ фурӯхта намешаванд (масалан, ашёи гигиенаи шахсӣ, доруворӣ) алоқаманд аст.

4. Проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ин номутавозунӣ дар танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, баъзан қонунӣ набудани таъсироти давлатӣ ба фазои виртуалӣ (Интернетӣ), камбудиҳо дар механизми муайян кардани иштирокчиёни савдои электронӣ, набудани муносибати яхела дар муқаррар намудани ваколат ва қонунҳои татбиқшаванда дар ин самт мебошанд.

5. Дар таҷрибаи амалии мамлакатҳои хориҷа фарқгузории мафҳумҳои тиҷорати электронӣ ва савдои электронӣ ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин фарқият тиҷорати электронӣ дар робита бо рушди бомароми муносибатҳои иқтисодӣ ба худ мустақилият касб намуда, чун фаъолияти соҳибкории дар асоси хариду фурӯши мол (хизматрасониҳо) тавассути шабакаи интернет, фаҳмида мешавад.

Дар сатҳи қонунгузории кишвар зарурати дарҷ намудани истилоҳоти ҳуқуқии савдои электронӣ, савдои фосилавӣ, шартномаи электронӣ, муомилоти электронӣ пеш омадааст, ки ба мушаххаснамоии муносибатҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагон дар бахши савдои фосилавӣ мусоидат мекунад. Набудани мафҳумҳои ҳуқуқии зикршуда, инчунин муқаррароти умумӣ оид ба савдои фосилавӣ дар қонунгузории Тоҷикистон боиси номуайянии ҳуқуқӣ дар ин самти муносибатҳои ҳуқуқии маданиву соҳибкорӣ мегардад, ки ин вазъ ба он далолат мекунад, ки истеъмолкунанда ҳамчун як тарафи аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф дорои сатҳи хеле пасти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ боқи мемонад.

6. Тиҷорати фосилавӣ чун шакли махсуси муомилоти молу хизматрасониҳо дар натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт устувор гардид. Дар ин самт, шаклҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратӣ ба назар мерасанд, ки аксаран вобаста ба тарзу усулҳои гуногуни пешниҳоди маълумот оид ба молу хизматрасониҳо ба харидорони эҳтимолӣ, амалӣ мешаванд. Савдои фосилавӣ ҳамчун як намуди ҷудогонаи муомилоти мол (хизмат) бо рушди технологияҳои иттилоотӣ шаклҳои гуногуни тиҷоратро дар бар мегирад, ки дар навбати худ аз тарзи ирсоли иттилоот дар бораи мол (хизмат) ва хосиятҳои истеъмолии он ба харидори эҳтимолӣ аз дигар намуди муомилоти тиҷоратӣ фарқ мекунанд. Сарфи назар аз содда будани таснифоти савдои фосилавӣ ба шаклҳои алоҳида, бояд қайд кард, ки ҳар яки онҳо як намуди алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо

ташкили фурӯш (хизматрасонӣ) ва ҷараёни тиҷорати дохилӣ махсусиятҳои худро доранд.

7. Дар доираи савдои фосилавӣ фурӯшанда воқеан имкон надорад, ки молро дар мӯҳлати муқарраршуда, инчунин ройгон ба харидор барои истифодаи муваққатӣ дар давраи иваз кардани моли истифодаи дарозмӯҳлат дар давоми се рӯз иваз намояд. Бинобар ин зарур аст барои савдои фосилавӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо мӯҳлати зайл муқаррар карда шавад: 45 рӯз аз лаҳзаи фиристодани мол ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) ва иваз кардани моли сифати номуносиб; 30 рӯз аз рӯзи гирифтани он ва дар ҳолати зарурати санҷиши иловагии сифати ин мол аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) - 45 рӯз аз рӯзи гирифтани он молҳо). Илова бар ин лозим аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қоида оид ба он, ки фурӯшанда уҳдадор нест ба истеъмолкунанда барои моли дорои хосиятҳои асосии истеъмолӣ ройгон барои истифодаи муваққатӣ мол пешниҳод кунад.

Баҳри такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳои муаллиф оид ба иваз номи моддаи 566 КМ ҶТ ва дар он илова намудан қисми 4, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» илова намудани моддаи алоҳида 25.1, дар Тоҷикистон қабули “Қоидаҳои савдои мол бо тарзи фосилавӣ” саривақтӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, қонунгузории соҳаи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф

пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон доираи васеи маводи илмии алоқаманд ба муҳтавои фарогирандаи мавзуи тадқиқотӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу тадқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ, тавсеаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1.Дар саҳифаи 23 диссертатсия муаллиф чунин навиштааст: “Савдои фосилавӣ ҳамчун як шакли фаъолияти хоҷагӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон торафт бештар қувват мегирад. Афзоиши босуръати таъсири технологияҳои нав ба рушди иқтисодии Тоҷикистон ба пайдоиши шаклҳои нави савдои молҳо (хизматҳо) мусоидат кард, зеро субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади ташкили фаъолияти рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботи бозор роҳҳои гуногунро меҷӯянд”. Ибораи “шаклҳои нави савдои молҳо (хизматҳо)” чӣ маъно дорад? Оё чунин ибора илмӣ мебошад?

**2.** Диссертант дар саҳифа 119 чунин менависад: “Савдои ашёи инфиродан муайян ва ё хизматрасонии музднок бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммунакатсионӣ, барномаҳои компютерӣ ва ичрои расмиёти электронӣ маънои фурӯши фосилавии молро дорад. Яъне харидор ва фурӯшанда дар як ҷой (мағоза, тарабхона ва дигар нуқтаҳои савдо) қарор надоранд, фурӯши молро низомҳои (барномаҳои) автоматикунонии иттилоотӣ (агентҳои электронӣ – electronic agents) анҷом медиҳанд”. Оё ба истисної ашёи инфиродан муайян дар савдои фосилавӣ дигар ашёҳо истифода мешаванд? Агар ҷой дошта бошад, пас чаро муаллиф дар рисола дигар намуди ашёҳоро таҳлил накардааст?

3. Дар саҳифаи 177 рисола муаллиф қайд менамояд, ки: “Бо мақсади мукаррар намудани қоидаҳои ягонаи бозори тиҷорати электронӣ, инчунин васеъ намудани дастгоҳи консептуалии ин соҳа, бояд қонунгузорӣ дар соҳаи фурӯши фосилавии мол ба низом дароварда шавад”. Аммо роҳҳои банизомдарории қонунгузориро муаллиф пешниҳод накардааст. Пас дар рӯзи ҳимоя ҷавоби мукаммалро ба ин савол интизорем.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне

диссертатсия дар доираи кори илмию тадкикотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳукукшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (дар мавзӯи «Таъминоти ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 иҷро карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Майнусова Зарнигор Маҳмудовна муаллифи 2 монография, 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар маҷалаҳои илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, семинарҳо, семинар-машваратҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва назариявӣ, форумҳои миллӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Майнусова Зарнигор Маҳмудовна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳаи маданӣ ва соҳибкории ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни

таълимии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 13 нафар: тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ кафедра № 1 аз 10 феврали соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Мирзоев П.И. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 15 нафар, "зид" нест, "бетараф" нест. Суратмаҷлиси кафедра № 7 аз 15 феврали соли 2024.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ
ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И

Котиби ҷаласа, коргузори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нураётова Ш.

Имзои Олимзода Д., Мирзоев П.И.
ва Нураётова Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33 тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail.: info@apa.tj, https://apa.tj/

15.02.2024